КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «4» ноябри соли 2019 №214 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.06.2016, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016 №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 007 назди Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини АИ ҶТ оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои химия ба Қурбонов Амиршо Соҳибназарович аз ихтисоси 05.17.01 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Технологические основы переработки боросиликатных руд кислотными и спекательными методами» бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 64 ва 66 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016 №505), бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои химия ба Қурбонов Амиршо Соҳибназарович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Қурбонов А.С. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия тибқи муқаррарот баъд аз 6 моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиш иҷозат дода шавад.
4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 007 назди Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини АИ ҶТ огоҳонида шавад.
5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси КОА Комилиён Ф.С. вогузор карда шавад.

Асос: вайрон намудани талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016 №505).

Раис А. Розиқзода